Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ТАҚРИЗИ**
**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна дар мавзуи “Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоева Мадина Камоловна дар мавзуи “Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят” мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқшиносӣ аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад.

Мубрамияти мавзуъ бо он алоқаманд аст, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо шартҳои муайян, балки асос, тартиб ва ҳадду ҳудуд ва ҳолатҳои маҳдуднамоии озодии шаҳрвандонро пешбинӣ мекунад, ки ҳангоми татбиқи онҳо кафолатҳои конститутсионии шахс ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ муваққатан маҳдуд мешавад. Татбиқи чунин чораҳо бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодии шахс, манфиати давлату ҷомеа аз таҷовузҳои ҷинояткорона ва аз таъқиботи беасосу ғайриқонунӣ, ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ имконпазир аст. Лекин, дар амалияи тафтишотию судӣ, танзими ҳуқуқии дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят, масъалаҳои баҳснок, аз ҷумла бинобар ҷой доштани носаҳеҳӣ ва ё ихтилофи байни меъёрҳои мурофиавӣ, то имрӯз боқӣ мондаанд.

Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ба ҳалли асоснокии масъалаҳои мурофиавӣ ва такмил дода шудани танзими ҳуқуқии муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин барои мутобиқгардонӣ ва бартараф карда шудани ихтилофи меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат хоҳад кард.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ин омӯзиш ва дақиқ кардани асос, мақсад ва шартҳои татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ аст, ки ба таври назаррас ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрванд ва

манфиатҳои уро маҳдуд карда, дар ҳолатҳои беасос ё ғайриқонунӣ дастгир шудан ба таъмини кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқу озодӣ, ҳолати маънавию руҳии у таъсири ҷиддии манфӣ мерасонад. Ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ на танҳо озодӣ, инчунин дахлнопазирии манзил, мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот, мухобироти шахс маҳдуд мегардад, лекин ҳанӯз дар танзими ҳуқукии онҳо ва дар амалияи татбиқи онҳо хатогиҳои ҷиддие ҷой доранд, ки боиси ғайриқонунӣ ва беасос маҳдуд шудани ҳуқуку озодиҳои шаҳрванд ва инсон мегарданд. Зарурати омузиш, таҳлил ва тадқиқоти назариявию илмии ин масъалаҳо бо назардошти амалияи мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, бинобар афзоиши хавфу хатари терроризм, экстремизм, ҷиноятткории муташаккил ва тағйирёбии пайвастаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба миён омадааст, ки натиҷаи онҳо ба ҳалли асоснокии масъалаҳои мурофиавӣ ва такмил дода шудани танзими ҳуқуқии муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин барои бартараф карда шудани ихтилофи меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат хоҳад кард.

Навгонии илмии таҳқиқот ҷанбаи комплексӣ дошта, дар он таҳлили масъалаҳои вобаста ба татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ, хусусан дастгир шудани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят мутобиқи КМҶ ҶТ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар доираи талаботи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мафҳум ва моҳияти гумонбарӣ, дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят, гумонбаршуда эътироф шудани шахс; доир ба зарурати такмил додани амалияи татбиқи ин чораи маҷбурӣ, баррасии моҳияти гумонбарӣ; дастгир кардан, моҳияти расмӣ, маҷбурии мурофиавӣ доштани дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят; оид ба асос, ваҷҳҳо, шартҳо ва мақсади дастгир кардан, мафҳуми гумонбарӣ, гумонбаршуда ва таъмин шудани кафолатҳои мурофиавии ҷиноятӣ хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф пешбарӣ ва асоснок шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади асосии таҳқиқоти илмӣ аз он иборат аст, ки дар асоси омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои марбут ба адолати судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, криминалистика, фаъолияти оперативии ҷустуҷӯӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин бо назардошти омӯзишу ҷамъбасти амалияи мақомоти тафтишотию судӣ, таҳия кардани хулоса ва дар асоси он пешниҳод намудани тавсияҳо оид ба такмил додани қонунгузорӣ ва таҷрибаи татбиқи дастгир кардани шахсе, ки барои содир намудани ҷиноят гумонбар дониста шудааст ва инчунин баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии татбиқи чунин чораҳо дар марҳилаи тафтиши пешакӣ мебошад. Ноил шудан ба мақсади мазкур иҷрои чунин **вазифаҳои** муайянро тақозо менамояд:

- шарҳи аниқ ва саҳеҳи мафҳум ва моҳияти гумони бевосита, гумонбарӣ, дастгир карда шудани гумонбаршуда ва ҳолати ҳуқуқии шахси дастгиршуда дар мурофиаи ҷиноятӣ;
- муайян кардани табиати ҳуқуқии гумонбарӣ ва дастгир кардани гумонбаршуда;
- аз нуқтаи назарияи мурофиаи ҷиноятӣ мавриди таҳқиқ қарор додани ҳолатҳое, ки асоси дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят эътироф шудаанд;
- ҳалли масъалаҳое, ки ба татбиқи чораи маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятӣ монеа мешаванд;
- муайян кардани самтҳои афзалиятнок ва татбиқи роҳу усулҳои пешқадам дар фаъолияти муфаттиш, таҳқиқбаранда ва ё прокурор оид ба дастгир кардани шахси барои содир кардани ҷиноят гумонбаршуда;
- асоснок кардани хулоса ва пешниҳод оид ба такмил додани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва коркарди тавсияҳо барои баланд бардоштани фаъолияти самарабахши мақомоти тафтишоти пешакӣ оид ба татбиқи дастгир кардани гумонбаршуда.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Объекти таҳқиқоти мазкур муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ мебошад, ки ҳангоми бо

гумони содир намудани ҷиноят татбиқ кардани дастгиркунӣ ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мешаванд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқоти диссертатсионӣ** ҷамъи масъалаҳои назариявию ҳуқуқӣ, ки бо гумонбарӣ, дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят, гумонбаршуда эътироф шудани шахс алоқаманд мебошанд ва амалияи татбиқи он, баррасии моҳияти гумонбарӣ, дастгир кардан, моҳияти расмӣ, хусусияти маҷбуркунии мурофиавӣ доштани дастгир кардани гумонбаршаванда барои содир кардани ҷиноят, асос, ваҷҳҳо, шартҳо ва мақсади дастгир кардан, мафҳуми гумонбарӣ, гумонбаршуда ва таъмин шудани кафолатҳои мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он зоҳир мегардад, ки тадқиқот ҷанбаи комплексӣ дошта, дар он бори аввал таҳлили масъалаҳои вобаста ба татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ – дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят, мутобиқи КМҶ ҶТ мавриди омузишу таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф як қатор пешниҳодҳои назариявие манзур кардааст, ки моҳияти дастгир кардан ва гумонбариро дақиқ мегардонад. Муаллиф хулосаи худро, ки оид ба мафҳум, асосҳои гумонбарӣ, ҳолати ҳуқуқии гумонбаршуда ба муҳокима гузошта, тақвият додааст.

Дар диссертатсия пешниҳод гардидааст, ки гумонбар донистан ва озод кардани гумонбаршуда аз гумонбарӣ, танҳо дар асоси санади махсуси мурофиавӣ – қарор бояд ба амал баровdefinitely шавад. Муаллиф ҳолатҳои наверо чун асоси татбиқи дастгир кардан, манзур намуда, таклиф менамояд, ки мафҳуми номуайяни "асосҳои дигар"- ро хориҷ карда, пешниҳод мекунад, ки дар протокол қайд кардани сабабҳои дастгир кардан истисно карда шавад.

Дар диссертатсия зарурати ҷорӣ кардани тартиби ягонаи расмиёти гумонбарӣ пешниҳод карда мешавад, ки он кафолати қонунӣ ва асоснок будани дастгиркуниро тақвият мебахшад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро** нуқтаҳои назариявию илмӣ ва хулосаҳои асосноки олимони ватанию хориҷӣ вобаста ба таълимоти самти ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, омор ва ғайраҳо, ки дар нашрияҳои илмӣ тавсиф ёфтаанд, маводҳои амалия ва бойгонии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро** материализми диалектикӣ чун методи умумии идрок ташкил менамояд. Дар рафти тадқиқот методҳои умумиилмӣ истифода шудаанд, аз ҷумла таҳлили ҳуқуқӣ, ҳуқуқӣ - муқоисавӣ, хронологӣ-таърихӣ, абстрактсия, оморӣ, мантиқӣ, шаклбандӣ, тафсир, тарҳрезӣ ва ғайраҳо, ки паҳлуҳои гуногуни мавзуи таҳқиқотро фаро гирифта, асоснокӣ, самаранокӣ ва сифати тадқиқотро саҳеҳ ва ғанӣ кардаанд.

Дар рисола меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ҷиноятӣ, маъмурии Ҷумхурии Тоҷикистон, қарорҳои Суди конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналхалқӣ, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, санадҳои мақомоти прокуратура ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд.

Асоси назариявию ғоявии рисоларо асарҳо, дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, асарҳои олимони ватанӣ ва давлатҳои аъзои ИДМ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистика ташкил додаанд.

Дар таҳқиқоти мазкур, инчунин корҳои илмӣ- назариявӣ оид ба методологияи идроки илмӣ, назарияи умумии ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва маъмурӣ, асарҳои ҳуқуқшиносон, муаллифони хориҷӣ мавриди истифодаву таҳлил ва муҳокима қарор дода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар гузаронидани

таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳуму таърифҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия, мақолаҳои илмии муаллиф, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоева Мадина Камоловна дар мавзуи "Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят", сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Роҳбари илми:**

**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи**
**судӣ ва назорати прокурории**
**факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Искандаров З.Ҳ.**

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисора
Тел.: (+992)918-40-86-00

**Имзои Искандаров З.Ҳ. – ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тақвиев Э.Ш.**

20-04-23